**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи доктории Давлатзода Ҷамила дар мавзӯи "Низоми муосири педагогии тарбияи шаҳрвандӣ – ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон", барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01- педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).**

Муносибат ва дидгоҳи нави низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳити иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангии ҷомеаи муосир ба вуҷудомада бо тамоми мубрамият талаботи сифатан навро дар назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии мамлакат ба миён мегузорад. Дар марҳалаи муосир яке аз омили муҳим дарки масоили ташаккул ва рушди сифати шаҳрвандӣ, ташаккули фарҳанги шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон, наврасон ва ҷавонон ба ҳисоб меравад. Тарбия ва ташаккули сифатҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон дар машғулиятҳо ва фаъолиятҳои беруназсинфӣ имкониятҳои васеи зоҳиршавии қобилиятҳои шахсии онҳоро фароҳам оварда, барои дар оянда пайдо кардани ҷойгоҳ ва мақоми муносиб дар ҷомеа ва ифодаи мавқеи шаҳрвандӣ-ватандӯстиашон шароити мусоид фароҳам меорад.

Аз ин лиҳоз, интихоб ва таҳқиқи мавзӯи тадқиқотии рисолаи Давлатзода Ҷамила дар мавзӯи "Низоми муосири педагогии тарбияи шаҳрвандӣ – ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон" масъалаи хеле мубрам ва актуалии илмҳои педагогӣ маҳсуб меёбад. Ба муҳимият ва зарурияти муаммои мазкур аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибори махсус дода шуда, қабул шудани як зумра санадҳои муҳими давлатӣ, аз ҷумла "Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030" далели равшан ва возеҳи он аст.

Диссертатсия аз муқаддима, чор боб, хулосаи бобҳо, хулосаи умумӣ, феҳристи адабиёт ва замимаҳо иборат аст.

Дар муқаддимаи рисола аз тарафи муҳаққиқ дараҷаи омӯхта шудани мавзӯъ, зарурати таҳқиқу баррасии муаммои маводи назар, ҳадаф, предмет ва объекти таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ, марҳалаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, асоснокӣ ва боэътимодии таҳқиқот, сарчашмаҳо ва муқаррароте, ки барои дифоъ пешниҳод мешаванд, навгонии таҳқиқот ба таври возеҳ шарҳу тафсир ёфтаанд.

Дар бобҳои рисола, ки аз қисматҳои назариявӣ ва амалӣ иборатанд асосҳои назариявӣ ва методологии мавзӯи таҳқиқшаванда, коркарди он дар адабиётҳои педагогию психологии ватанӣ ва хориҷӣ, консепсияхои илмии мавзӯъ, омӯзишу баррасии мундариҷаву моҳият ва функсияҳои низоми тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон, аҳамияти ташаккули шууру тафаккури шаҳрвандӣ-ватандӯстӣ барои рушди шуури шаҳрвандиву ҳуқуқӣ ва дарки дурусти воқеият, баҳодиҳӣ ба рӯйдодҳои он, коркарди амалии низоми муосири тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии насли наврас дар марҳалаи муосири низоми маорифи мамлакат инъикос ёфтаанд.

Дар асоси омӯзиши асосҳои илмӣ-назариявии кор ва таҷрибаи пешқадами педагогӣ муаллиф имконият пайдо намудааст, ки мавқеъ ва нақши муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро дар тарбия ва ташаккули шаҳрвандӣ, ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, маънавиёт, эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳои инсон, муҳаббат ба Ватан, оила, муҳити зист ва табиат муайян карда, хулосаҳои асоснок ва муҳим коркард шавад.

Дар раванди кори таҷрибавию озмоишӣ дар рисола аз тарафи муаллиф шароит ва омилҳои самараноки тарбия ва ташаккули сифатҳои шаҳрвандӣ, ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, маънавиёт, эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳои инсон, муҳаббат ба Ватан, оила, муҳити зист ва табиат дар асоси дохилкунӣ ва истифодаи воситаҳои навини ташкили корҳои беруназзинфӣ ва берунамактабӣ муайян шудааст, ки яке аз ҷузҳои муҳими навгонии тадқиқоти мазкур маҳсуб меёбад.

Аҳамияти назариявии кори диссертатсионӣ дар он зоҳир меёбад, ки таҳқиқоти мазкур дар самти асоснокии назария ва рушди ғояи муаммо, муқаррар намудани моҳияти усули тарбия ва ташаккули шаҳрвандӣ, ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, маънавиёт, эҳтиром ба ҳуқуқу озодиҳои инсон, муҳаббат ба Ватан, оила, муҳити зист ва табиат дар низоми муосири маорифи мамлакат саҳми назаррас мегузорад.

Фарҳанги мутаносиби унвонҷӯ имконият додааст, ки ӯ тибқи шиносномаи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) дастгоҳи илмии диссертатсияро таҳия намояд, ки он мавқеи дурусти муаллифро нисбати коркарди консепсияи рисола, хусусиятҳои амалигардӣ ва асоснокии натиҷаҳоро инъикос менамояд,

Дар асоси омӯзиш ва таҳлили тадқиқоти гузаронидашуда хулоса кардан мумкин аст, ки диссертатсияи Давлатзода Ҷамила дар мавзӯи “Низоми муосири педагогии тарбияи шаҳрвандӣ – ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии

Тоҷикистон", таҳқиқотии мустақилона ва тахассусии анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи Низомнома оид ба "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ"- и КОА- и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пурра ҷавобгӯй буда, муаллифи он Давлатзода Ҷамила ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01-педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) лоиқ мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ, профессор,
ректори Донишкадаи тарбияи ҷисмонии
Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов — Сафаров Шодӣ Асомуродович

20.09.2022с.

**Суроға:** 734026, Тоҷикистон, Душанбе, кӯч. Лучоб, 53. Почтаи электронӣ:
E-mail: mehrpaivand@inbox.ru, toj-sport@mail.ru

*Имзои профессор Ш.А.Сафаровро тасдиқ менамоям.*

*Сардори РК ва КМ ДТҶ ба номи С.Раҳимов* — *Деҳқонова Зебо Байзаковна*

ШУЪБАИ КАДРҲО